**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи якдафъаинаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз 9-уми октябри соли 2021 ш. Бохтар

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ). Мушовири илмӣ – **Комилиён Файзалӣ Саъдулло**, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқаризони расмӣ: **Раҳимӣ Фарҳод Қодир,** доктори илмҳои физикаю математика, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **Исломов Озод Азимович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва **Ашурова Дилором**, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисои диссертатсияи барассишаванда: д.и.ф.-м. профессор, **Юнусӣ М.К.,** д.и.т. профессор **Шерматов Н.,** д.и.п. профессор **Шодиён М.С.,** д.и.т. профессор **Маҷидов Ҳ.,** д.и.п. профессор, **Холназаров С.** ва муққаризони ғайрирасмӣ: д.и.п. профессор, **Шоҳиён Н.Н.**, д.и.п. профессор, **Мирализода А.М.**, д.и.п. профессор, **Мирзоев С.С.**, д.и.п. профессор, **Гулмадов Ф.**-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст

**Қарор мекунад:**

**1.** Диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсиҳои докторӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Файзализода Баҳрулло Файзалӣро бо дипломи доктори илмҳои педагогӣ сарфароз гардонад.

**Ҷонишини раиси шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор,** **Нугмонов М.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сатторов А.Э.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО